**Такриз**

**Ба дисертатсияи номзадии аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзӯи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқотии таърихӣ. – Душанбе-2022 – 181 с.**

Олими барҷаста ва ҷаҳоншӯҳрати рус, собиқ раиси филиали Академияи илмҳои ИҶШС дар Тоҷикистон академик Евгений Никанорович Павловский (1884-1965) гуфта буд. Устод Айнӣ оғозгари тахқиқоти илмӣ дар соҳаи умуми ичтимоӣ дар карни XX дар Тоҷикистон аст. Ҳақ ба ҷониби академик аст. Воқеан С. Айнӣ муаллифи аввалин асарҳои таҳқиқии таърихшиносӣ мебошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло аз тарафи Баҳорзода Сироҷиддин Ашур мавриди таҳқиқи махсус қарор додани «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» мардуми мо боиси дастгирист. Ин як падидаи мусбӣ дар таърих нигории марҳилаи истиқлолияти давлатии ватанамон мебошад.

Сохтори рисола тибқи талаботи усулӣ ва хронологӣ барои ҳалли вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда ҷавобгӯ аст. Муаллиф манобеи гуногунро, ки марбути мавзуи таҳқиқшаванда аст, истифода ва бори нахуст ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти илмии таҳқиқот, таҳлили қиёсии осори бунёдии истифодашуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, тавзеҳи муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, объект ва предмети таҳқиқот, хронологияи мавзӯъ, аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзӯъ, маълумот дар бораи апробасияи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва сохтори рисоларо ташреҳ медиҳад.

Диссертатсия бо сарсухани мукаммал оғоз мегардад дар он муалиф бо далелҳои дақиқ муҳим будани мавзуро вобаста ба марҳилаи истиқлолияти давлатии Ватанамон нишон додааст. Зеро осори таърихии С. Айнӣ дар рӯзҳои мо мазмун ва мундариҷаи нав пайдо карда дар худшиносии мардумамон саҳми калон дорад. Ин оварда ба мустаҳкам кардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз мерасонад. Инчунин дар сарсухани

дисертатсия дарачаи омӯзиши мавзӯъ манбаҳои ба он вобаста мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Муаллиф бо далелҳои қатъи исбот кардаст, ки мавзуи мазкур дар таърихнигории муосири мо бори аввал мавриди омӯзиши махсус карор дода шудааст. Навовариҳои дар кор овардаашро як як шарҳ эъзоҳи илмӣ додааст. Ғайр аз ин дар сарсухан максад ва вазифахои муаллиф дар ҳаллӣ мавзуъ хело аниқ баён карда шудааст. Ҳамаи он аз малакаи касбии муаллиф дарак медиҳад.

Рисолаи Баҳорзода С.А. ба ғайр аз сарсухани мукаммали илмӣ дорои ду боб шаш зербоб хулоса ва номгӯи адабиёт мебошад. Қисми муҳимми дисертатсияи Баҳорзода С. А. ин боби аввали он мебошад. Дар боби мазкур таърихи халқи точик дар охири асри XIX дар таҳқиқи С. Айнӣ бо далелхои аниқу дақиқ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар боби мазкур вазъияти иқтисодӣ ичтимоӣ ва фарҳангии марҳила хело мушаххас таҳлил ва таҳқиқ шудааст. Худи С. Айнӣ яке аз ходимони намоёни фарҳангӣ мебошад. Зеро ӯ ба фаъолияти эҷодӣ дар инкишофи фарҳанги марҳилаи мазкур саҳми арзанда дорад.

Муаллиф дар анҷоми боби якум хулосабарориҳои мантиқӣ намудааст.

Боби дигари диссертатсия аз тарафи С. Айнӣ таҳқиқ шудани таърихи халқи точик дар ибтидои асри XX мебошад, ки хело ҷолиб ва диқатҷалбкунанда аст. Дар марҳилаи мазкур на танҳо С. Айнӣ як мушоҳиди оддӣ балки иштирокчии бевоситаи бисёр воқеъаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, буд. С. Айнӣ воқеаҳои ба чашми худ дидаро дар асарҳояш тасвир кардааст. Мушоҳидаҳои С. Айнӣ дар рӯзҳои мо ба як маъхази нодири таърихӣ мубаддал шудаанд. Мо дар асоси он вазъияти сиёсии марҳилаи мазкур ҳаракати маорифпарварӣ, ҳаракати ҷадидия, дар ин асос вазъияти ҷамъияти сиёсии он давраро дақиқ барқарор мекунем. Кори мазкур аз тарафи муаллиф Баҳорзода С. А. ба дарачаи баланд ичро карда шудааст, ки аз малакаи хуби таърихнигорияш шаҳодат медиҳад.

Муаллиф дар анҷоми боби дуюм ҳам хулосабарориҳои мантиқӣ намудааст.

Дар хулоса Баҳорзода Сироҷиддин Ашур натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, махсус таъкид кардааст, ки аҳаммияти сиёсӣ ва фарҳангӣ осори С. Айнӣ, махсусан асарҳои таърихии ӯ дар рӯзҳои мо хело боло рафтааст. Асарҳои С. Айнӣ моро водор мекунад, ки ба қадри истиқлолияти давлатиамон расем ва онро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ дорем. Зеро дар саргаҳи он С. Айнӣ истода ҷонбозиҳои зиёд карда буд. Ҳамин ҷиҳати хизмат ва эҷодиёти С. Айниро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назар гирифта, дар қатори аввалинҳо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистонро ба Садриддин Айнӣ сазовор донистааст. Инчунин ба ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон нахустин муассисаи таҳсилоти олии ватанамон Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ гузошта шуд.

Саҳми бевоситаи Баҳорзода Сироҷиддин дар омӯзиши масъалаи илмии мазкур дар чунин нуктаҳо ифода меёбад:

- дар заминаи инъикоси таърихи миллат, исбот намудани қадимияти халқи тоҷику фарҳанги волои он ва ҳуқуқи соҳибдавлат гардидани вай аз ҷониби С. Айнӣ;

- инъикоси мақому ҷойгаҳи халқи тоҷик дар рушди фарҳангу маънавиёти ҷомеа дар такя ба таҳлили сарчашамаҳои таърихӣ;

- инъикоси хусусиятҳои хоси таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби шоҳид ва донишманди замон бо дар назардошти воқеият;

- нишон додани саҳми беназири аллома Садриддин Айнӣ дар инъикоси таърихи воқеии халқу миллати тоҷик ва натиҷаи он дар рушди дурнамои миллату давлат.

Мавод ва хулосабарориҳои таҳқиқотро метавон бо мақсади беҳтар кардани раванди таълимӣ, тарбиявӣ ва омода кардани монографияи тахассусӣ, хондани курси махсус дар факултаҳои таърих истифода кард.

Баҳорзода Сироҷиддин аз иҷрои вазифаҳои дар назди худ гузошта баромадааст. Муаллиф сарчашмаҳои зиёд ва осори таҳқиқотии

истифодашударо таҳлил ва ба низом даровaрда, бо далел муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшударо тасвиб намудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти рисола тавассути апробатсия дар конфронсҳои дохили Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амалӣ шудааст. Муҳтавои рисола аз ҷониби муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ВАК-и Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва мақолаҳо дар дигар нашрияҳо низ ба нашр расидаанд. Мундариҷаи онҳо бо андешаи муаллиф дар рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшуда мутобиқат дорад.

Бо назардошти мубрамии мавзӯи таҳқиқшуда, навоварӣ ва аҳаммияти назариявии натиҷаҳои бадастомада, рисолаи Баҳорзода Сироҷиддин «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)», ки барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои таърих тибқи банди 53-и «Низомнома»-и Шурои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ кардааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ: н.и.т., дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ** **Ёрмуҳамматов А.**

**Имзои А. Ёрмуҳамматов -ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э. Ш.**

21.02.2022